# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ: таҳқиқоти умуминазариявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

1. Диссертатсияи Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ – ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ бахшида шуда, муаллифи таҳқиқот онро мавриди таҳқиқоти умуминазариявӣ қарор дода, хулосаҳои илман асоснок манзур кардааст. Мавриди зикр аст, ки ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ институтҳои таърихан ташаккулёфта буда, дар ҳама давру замон мубрамияти худро нигоҳ дошта, таваҷҷуҳи аксари муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудааст. Дар замони муосир ин падидаҳо дорои мубрамияти баланди илмию амалӣ мебошанд. Омӯзишу таҳқиқи масъалаҳои ҳалнашудаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ба монанди мафҳуму моҳият, функсияҳо, таснифоти умумиэътирофшудаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, сиёсати давлатӣ дар самти ҷавобгарии ҳуқуқӣ, такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва амсоли инҳо аз мубрамияти баланди таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф дарак медиҳанд. Ин ва дигар масъалаҳои илмию амалиро диссертант мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор дода, холигиҳои қонунгузориро ошкор сохта, барои назария ва амалияи ҳуқуқшиносии ватанӣ хулосаю тавсияҳои судманд манзур намудааст. Бо ин назардошт, таҳқиқоти муаллиф дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ буда, дар такмили донишҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва меъёрҳои қонунгузории кишвар оид ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ метавонанд саҳми созгор гузошта бошанд. Диссертатсия ва автореферати пешниҳодшуда ҷиҳати дифоъ дар шурои диссертстасионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

2. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мувофиқат мекунад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим ба таври фаррох истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 22 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 10 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

4. Автореферати диссертатсия (гунаи тоҷикӣ ва русӣ) фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Шодизода Н.М. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровaрда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт ташкил ёфта, дар асоси талаботи «Дастурамал оид ба Тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва дигар маводи илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттетстсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 декабри соли 2024, №493)» таҳия гардидааст.

Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия муаллиф мубрамии мавзуъро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлилҳо, омӯзишҳо, дурустии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводи диссертатсия ва мақолаҳо собит карда

шудааст. Хулосаву тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯй маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз ҷониби у чопгардида, мавҷуд намебошад.

6. Вобаста ба ин, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Шодизода Наҷибулло Маҳмадризоро дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ: таҳқиқоти умуминазариявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертии диссертатсияи Шодизода Наҷибулло Маҳмадризоро дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ: таҳқиқоти умуминазариявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат баррасӣ намуда, дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ,

## ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Шодизода Наҷибулло Маҳмадризоро дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ: таҳқиқоти умуминазариявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мувофиқат мекунад, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Сафарбекзода Ҳукмиддин Сафарбек** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

– **Қодирзода Ғолиб Нурулло** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи фанҳои давлати-ҳуқуқии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар – Муассисаи таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон» тавсия дода шавад.

4. Барой ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
Директори Маркази исломшиносӣ дар
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Холиқзода А.Ғ.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
мудири кафедраи криминалистика ва
фаъолияти экспертизаи судии
факултети ҳуқуқшинисии ДМТ — Назаров А.Қ

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва
ҳуқуқшиносии муқоисавии
факултети ҳуқуқшинисии ДМТ — Мирализода И.Қ.

Имзоҳои Назаров А.Қ. ва Миралиев И.Қ.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ — Шодихонзода Э.Ш.
«13» 04 2026 с.

Имзои Холиқзода А.Ғ.-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо, ҳуқуқ ва корҳои
махсуси Маркази исломшиносӣ дар
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Анҷуманова Г.А.
«13» 04 2026 с.